**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо Фармоиши Директори Агентии<br>омори назди Президенти<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.04.2010.<br>№13 тасдиқ карда шудааст**

## ДАСТУРАМАЛИ
**тартиби пуркунӣ ва пешниҳоди шакли ҳисоботи омори давлатии**
**Шакли № 11-нақ (барқӣ)**

1. Гардиши мусофирони нақлиёти троллейбуси бо зарби сатри 17 дар масофаи мобайнии нақлиёти троллейбусии мусофиркашонӣ муайян карда мешавад. Ин масофаи миёна дар асоси тадқиқи як маротибагии (1 маротиба дар 5 сол) мусофиркашии хатти тролейбусии шаҳри мазкур ҳисоб карда шуда, бо тартиби муқарраркардаи мақомоти нақлиёти тролейбусии ҷумҳурӣ тасдиқ карда мешавад ва ҳамчун бузургии доимӣ дар ҳисоботи оморӣ истифода бурда мешавад.

2. Нақлиёти истифодаи умуми нақлиётест, ки тамоми мусофиронро мекашонад (на фақат мусофирони муассисаи худ ё вазорату идораи худ). Дарозии истифодашавандаи роҳи троллейбусии истифодаи умум дарозии аслии байни меҳвари пунктҳои истгоҳии троллейбусиро ифода карда, барои боркашонӣ, барои саворкунӣ ва фуровардани мусофирон, боркуни ва холикунии борҳо аз вагонҳои троллейбусҳо аз рӯи кашонидани пулакии мусофирон ва борҳои таъиншуда, маҳдуд карда мешавад. Дарозии истифодашавандаи роҳи троллейбусии истифодаи умум аз рӯи меҳвари роҳи асосӣ чен карда мешавад (дар қитъаҳои 2 ва ё зиёда роҳ дошта бо меҳвари роҳи дарозиаш кӯтоҳ).

Намунаи 1. Агар марҳилаи байни пунктҳои истгоҳии троллейбусии ба якдигар наздиктар якроҳа буда, ба 400 м баробар бошад, пас дарозии истифодашавандаи он ба 400 м баробар аст

Намунаи 2. Агар марҳилаи байни пунктҳои истгоҳҳои троллейбусии ба якдигар наздиктар дуроҳа буда дарозии яке аз роҳҳо 590 м дуюмаш 600 м бошад, пас дарозии истифодашавандаи он ба 590 м баробар аст.

Ба дарозии истифодашавандаи истифодаи умум роҳҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо фуромаду баромади мусофирон борборкунӣ ва борфурорӣ амалӣ карда мешаванд.

Дарозии роҳҳои рафту омад, бандарҳо ва дигарҳо (ғайр аз асосӣ) ба дарозии умумии истифодашавандаи роҳҳои истифодаи умумии троллейбусӣ дохил намешавад.
Ин роҳҳо дар як вақт барои фуромаду баромади мусофирон, боркунӣ ва борфурорӣ аз вагонҳои троллейбусҳо барои мусофиркашонӣ ва боркашонӣ истифода мешашаван.

Ҳамин тавр, дарозии роҳҳои истифодашавандаи троллейбусии истифодаи умум дарозии умумии хатти троллейбусиро ифода карда (бе хатти пушонидаи қитъа) барои кашонидани мусофирон ва борҳо муайян шудааст.

3. Дарозии истифодашавандаи роҳи троллейбусии ғайриумумӣ ба худ дарозии ҳақиқӣ аз нуқтаи пайвасти ин роҳ бо роҳҳои тролейбусии истифодаи умум то меҳвари на он қадар дуртари (аз нуқтаи пайвастшавӣ) нуқтаи охирони роҳҳо, новобаста аз он ки худи ҳамин роҳ аз ҳама дарозтарин аст ё худ ҳамин роҳ аз якчанд роҳҳои пайдарҳам, ҷудошаванда, пайвастшавӣ иборат аст, ифода мекунад. Дарозии истифодашавандаи роҳи троллейбусии истифодаи ғайриумум аз рӯи меҳвари роҳи асосӣ чен карда мешавад: Дарозии роҳҳои стансионӣ роҳҳои таксимшаванда, шохавӣ ва ғайраҳо (ба ғайр аз роҳҳои асосӣ) ба дарозии умумии роҳҳои тролейбусии истифодаи ғайриумум дохил намешаванд, гарчанде ки ин роҳҳо барои борборкунӣ ва борфарорӣ истифода шаванд.